آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**12 апрели соли 2025**
**Шанбе**
**№ 30 (15145)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

*Муносибат*

## МАРҲИЛАИ НАВИ ҲАМКОРИҲО ДАР ФОРМАТИ «ОСИЁИ МАРКАЗӢ – ИТТИҲОДИ АВРУПО»

***Дар шаҳри Самарқанд 4 апрел бори аввал дар таърих вохӯрии сатҳи олии Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор шуд. Ин рӯйдоди муҳим дар муносибатҳои байни минтақаҳо саҳифаи навро боз кард.***

Нахустин нишасти таърихии «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо», ки таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев баргузор гардид, таҳти шиори «Сармоягузорӣ барои оянда» сурат гирифт. Дар кори он роҳбарони панҷ кишвари минтақа (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон), инчунин намояндагони муассисаҳои асосии Иттиҳоди Аврупо – Шӯрои Аврупо ва Комиссияи Аврупо, роҳбарони Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ва Бонки сармоягузории Аврупо иштирок доштанд.

### Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо – формати нав барои наздиксозии манфиатҳои муштарак

Иттиҳоди Аврупо (ИА) имрӯз чун як созмони байналмилалии иқтисодӣ ва сиёсӣ, босуръат рушд мекунад. ИА самти умумии рушди институтҳои иҷтимоии кишварҳои аъзоро муайян месозад, сиёсати амниятиро пеш мебарад ва сиёсати хориҷии гуногунсамтро татбиқ менамояд. Ҳоло ба таркиби Иттиҳоди Аврупо 27 кишвар ва шаҳрвандони онҳо шомиланд. Бозори ягонаи мол ва хидматрасонӣ бо 450 миллион шаҳрванд таъсис дода шудааст, ки ҳуқуқи озодона ҳаракат кардан ва муқимӣ шуданро дар ҷое, ки мехоҳанд, доранд. ИА асъори ягона – евроро қабул кардааст, ки имрӯз ба яке аз бузургтарин асъорҳои ҷаҳонӣ табдил ёфта, самаранокии бозори ягонаи Аврупоро афзоиш додааст.

Дар ҷараёни нишаст дурнамои рушди муносибатҳои бисёрҷониба ва ҳамкориҳои амалӣ байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо баррасӣ гардид.

### Афзалиятҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо

Тавре маълум аст, аз лаҳзаи ташкил ёфтани давлатҳои нави мустақил дар Осиёи Марказӣ Иттиҳоди Аврупо корро бо онҳо оид ба барқарор намудани робитаҳои шарикии дуҷониба оғоз намуд. Аз соли 1991 инҷониб, ташаккул ва рушди стратегияи ИА дар Осиёи Марказӣ чанд марҳилаи муҳимеро тай намуд.

Хусусан, сиёсати ҳамсоягии нек ва шарикӣ дар сатҳи минтақавӣ, ки солҳои охир таҳти роҳбарии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев амалӣ мешавад, дар бознигарии стратегияи Осиёи Марказии Иттиҳоди Аврупо саҳми назаррас гузошт. Дар натиҷаи кӯшишҳои муштарак, дар Осиёи Марказӣ комилан муҳити нави сиёсӣ ба вуҷуд омад. Дар тӯли чанд сол, бисёр мушкилоти даҳсолаҳо ҷамъшуда ҳалли худро ёфтанд. Дар натиҷа, имрӯз минтақа ба фазои ҳамкории мутақобилан судманд ва рушди устувор табдил меёбад.

Ҳоло кишварҳои Осиёи Марказӣ, бо назардошти ниёзҳои дохилӣ ва вазъи геосиёсии ҷаҳон, аз ҷалби сармоя, технология ва навовариҳои аврупоӣ барои ҳалли вазифаҳои афзалиятнок дар самтҳои таъмин намудани субот ва рушди устувор дар бахшҳои иқтисод, саноат, энергетика, нақлиёт, сармояи инсонӣ, тағйирёбии иқлим, маориф ва илм манфиатдоранд.

Агар дар ҳафт соли охир ҳаҷми гардиши мол байни кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ 4 маротиба афзуда, аз 54 миллиард доллар гузашта бошад, пас то соли 2024, ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Ӯзбекистон бо Иттиҳоди Аврупо ба 6,4 миллиард доллар расид, ки ин аз соли гузашта 5,2 фоиз зиёдтар мебошад. Дар Ӯзбекистон зиёда аз 1000 корхона бо сармояи аврупоӣ фаъолият мекунанд ва ҳаҷми сармоягузориҳои онҳо ба 30 миллиард евро расидааст.

Ҳадафҳои дар Стратегияи «Ӯзбекистон-2030» пешбинишуда, аз ҷумла то 200 миллиард доллар афзоиш додани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, таҳким ва диверсификатсияи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ бо афзалиятҳои Иттиҳоди Аврупо ҳамоҳанг мебошанд. Ин барои тавсеаи минбаъдаи ҳамкории мутақобилан судманд заминаи устувор фароҳам меорад.

Саноати энергетика, кимиё, дорусозӣ, нассоҷӣ ва техникаи барқӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноати кӯҳканӣ ва истихроҷи маъдан, инчунин логистика ва нақлиёт, лоиҳаи бузурги масири байналмилалии нақлиётии назди касбӣ ё Долони миёна соҳаҳои калидии сармоягузориро дар бар мегиранд. Дар ҳоли ҳозир, Иттиҳоди Аврупо дуввумин бузургтарин шарики тиҷоратии минтақа мебошад.

(Давомаш дар саҳ.2).

## ҲАМДИЛӢ АЗ ҲАМЗАБОНӢ БЕҲТАР АСТ

Ташаббусҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев на танҳо дар дохили мамлакат, балки дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон низ муҳиму назаррасанд. Онҳо, агар аз як тараф, ба пешрафти Ӯзбекистон ва устувор гардидани нақши он дар арсаи байналмилалӣ равона шуда бошанд, аз тарафи дигар, зимнан таъминсозии ҳамкориҳои судманд ва суботу амниятро дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар назар доранд.

Яке аз ин ташаббусҳо Вохӯрии машваратии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ аст, бори аввал бо ибтикори Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 15 марти соли 2018 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, ки ба рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои тиҷорат, иқтисод, нақлиёту коммуникатсия, фарҳангу иҷтимоиёт дар заминаи эътимоду ҳавасмандии мутақобила ва таҳкими амнияту субот дар минтақа равона шудааст.

Президент Шавкат Мирзиёев умумияти мероси фарҳангиву таърихиро ба инобат гирифта, ба рушди эҳсоси ҳамгироии аҳолӣ, ҳамҷиҳатӣ, дарки масъулияти умумӣ барои ояндаи минтақа махсус ишора кард ва ҳарчи зудтар ба роҳ мондани Медиаплатформаи байналмилалии «Таърих ва фарҳанги Осиёи Марказӣ: дирӯзи ягона ва ояндаи умумӣ»-ро дар ин самт қадами муҳими амалӣ шуморид. Аз ҷумла, пешниҳод намуд, ки бо мақсади минбаъд мустаҳкам кардани ҳамдигарфаҳмии мутақобила ва ҳамфикрии халқҳои минтақа Форуми илмӣ бахшида ба ҷанбаҳои амалии ташаккули ҳувияти минтақавӣ гузаронда шавад. Инчунин барои пешбурди «Рӯзномаи ҷавонони Осиёи Марказӣ – 2030» ва ҷалби насли ҷавон ба барномаҳои ҳамкорӣ Озмуни минтақавии ғояҳо ва лоиҳаҳои инноватсионии ҷавонон мунтазам баргузор гардид.

Қабули Барномаи мубодилаи таълимӣ ва академии Осиёи Марказӣ, таҳияи Созишнома дар бораи эътирофи мутақобилаи дипломҳои мактабҳои олии асосии кишварҳои Осиёи Марказӣ, таъсиси стипендияҳо барои таҳсили донишҷӯёни болаёқат аз давлатҳои минтақа дар асоси мутақобила низ аз пешниҳодҳои судманди Президенти Ӯзбекистон ба шумор мераванд.

Ҳамзамон, бо мақсади вусъат додани табодули сайёҳӣ Президент омӯхтани масъалаҳои эътирофи мутақобилаи ID-кортҳои миллӣ ва таҳияи маводи оммавии сайёҳиро бинобар раванда «Як саёҳат – тамоми минтақа» пешниҳод кард.

Ин ва дигар пешниҳодҳои оқилонаю ояндабинонаи Президент Шавкат Мирзиёев, ки ба ташкилу таъмини амалии ҳамкориҳо дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ равона шудаанд, аз ҳамаи кишварҳои минтақа иттиҳоду ҳамгироиро тақозо мекунанд. «Имрӯзу фардои Осиёи Марказӣ, некуаҳволии кишвар ва халқҳои мо аз бисёр ҷиҳат ба саъю кӯшишҳои умумии худи мо, ба тайёрии мо барои ҳамкорӣ, андешидани чораҳои қатъӣ ва якҷоя пеш бурдани манфиатҳои минтақа вобаста мебошад», – таъкид кард Президент.

Монеаи ҷиддӣ дар таъмини суботу амнияти минтақа масъалаи сарҳад дар байни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон буд, ки хушбахтона, бо ҳамфикрию ҳамдигарфаҳмии роҳбарони ин кишварҳо ҳалли мусолиматомези худро пайдо кард.

Ҳақ бар ҷониби Мавлавист, ки мефармояд: «Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст».

Акнун замоне фаро расид, ки Осиёи Марказӣ на танҳо ба минтақаи ҷалби сармоя, балки ба Иттиҳоди сармоягузор табдил дода шавад.

**Аминҷон ГУЛМУРОДЗОДА.**
**шаҳри Ҷиззах**

## ҶАМОА АҲЛ – КОРҲО САҲЛ

***Пӯшида нест, ки баҳри пос доштани забони модарӣ, ҳифзи мероси илмиву адабӣ, маданӣ ва дигар арзишҳои миллӣ баробари шароити мусоиде, ки давлат фароҳам меорад, ҳаммиллатонро лозим аст, ки саводи комил ҳам дошта бошанд. Ин саводро дар зинаи аввал ба мо мактаб медиҳад. Пас дар макотиби тоҷикии ҷумҳуриамон аҳвол чӣ гуна аст? Сифати таълиму тадрис дар чӣ поя қарор дорад? Барои беҳсозии вазъи мактабҳои тоҷикӣ оянда чӣ корҳои самарбахшро роҳандозӣ бояд кард? Баҳри пайдо намудани ҷавоб ба ин суолҳо «Овози тоҷик» аз оғози соли нав тасмим гирифт, ки тавассути канали расмии «Овози тоҷик» миёни мактабҳо ба навбат пурсишномаҳо гузаронад, то ки дар натиҷаи баҳогузории халқ вазъи кунунии мактабҳоямон муайян шавад ва сифати таълиму тадрис беҳ гардад, камбудиву мушкилот ошкор шуда, таҳаввулоте дар ин самт арзи вуҷуд кунад.***




Бо ҳамин мақсад мо ба ноҳияи Сариосиё (дар айни замон дар ноҳия 33 мактаби тоҷикӣ, тоҷикӣ-ӯзбекӣ фаъолият дорад) роҳ гирифтем, то ки ба мактабҳои ғолиби пурсишнома дипломҳоро супорида, аз аҳволашон хабар гирем. Ба мо раиси Маркази миллӣ-мадании тоҷикони ноҳияи Сариосиё Аҳтам Сафаров ва мушовирони ӯ, инсонҳои фарҳангдӯст Равзатулло Раҳмонов ва Тоштемур Шукуров ҳамроҳӣ намуданд. Мо қад-қади канали тезоб, ки аз дарёи шӯхи Тӯпаланг ҷудо шуда, самти поён ҷорӣ мешавад, суҳбаткунон равон гардидем. Аҳтам Сафаров, ки ровии хушсухан ҳам ҳаст, бо ифтихор чунин суханонро ба забон овард.

– Замоне, ки ман мудири маорифи ноҳия будам (ӯ 12 сол дар ин вазифа кор кардааст, рейтинги ноҳияро маҳз мактабҳои тоҷикӣ мебардоштанд. Хушбахтона, ҳозир ҳам чунин аст. Алалхусус, мактабҳои минтақаи Охунбобоев, ки Дараи Ниҳон ҳам ба он шомил аст, ҳамеша пешсафанд. Дар озмунҳои фаннӣ, дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ, гузаронидани чорабиниҳои гуногун, ҷиҳозонидани мактаб бо асбобҳои аёнӣ, дастовардҳои варзишу санъат, хуллас, дар ҳама соҳаҳо намунаи ибратанд. Зеро ҳам омӯзгорон пуриқтидоранду ҳам шогирдонашон болаёқат. Беҳуда устод Садриддин Айнӣ қаҳрамонони романи «Дохунда»-и худро аз Дараи Ниҳон интихоб накардааст.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Сайёҳӣ*

## ИМКОНОТИ НАВИ ИНШООТИ НАВ

***Ағбаи «Тахтақорача» дар ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё воқеъ буда, яке аз мавзеъҳои диданӣ ва хушобу ҳавои минтақа ба шумор меравад. Хусусан фаслҳои баҳор ва тобистон манзараи дилфиребаи ин ҷо ҳар бинандаро мафтун месозад.***

Ағбаро гузашта, мусофирон ба вилояти Самарқанд мерасанд ва аз он ҷо ба самти шаҳру навоҳии дигари кишварамон роҳ пеш мегиранд. Ин масир ҳарчанд аз кӯҳи баланде убур кардаву баъд ба ҳамвориҳо мепайвандад, аз кӯтоҳтарин шоҳроҳи самти Тирмиз – Тошканд ба шумор меравад. Аз ин рӯ, мусофирон низ вақти сафар аксар ин масирро интихоб мекунанд. Аммо ба далели амниятӣ фасли сармо ин роҳ як муддат баста мегардад. Барфи зиёд ва яхбандиҳои зимистон убури мурури нақлиётро халалдор месозанд ва он чандин моҳ расман аз ҷониби идораҳои дахлдор масдуд мешавад. Табиати зебои ағбаи Тахтақорача диққати сайёҳони ватаниву хориҷиро ба худ ҷалб месозад. Хоса, фасли гармои сол ба тафреҳгоҳҳои ин мавзеъ меоянд ва вақти худро хуш месозанд. Солҳои охир бо ривоҷ ёфтани сайёҳиву ҷаҳонгардӣ ағбаи Тахтақорача маъруфияти бештаре пайдо кард ва кунун соҳибкорони зиёде майл доранд, ки дар ин ҷо масканҳои дилхушкунанда, аз ҷумла меҳмонхонаҳои замонавӣ, тарабхонаву ошхонаҳои миллӣ бунёд созанд. Ҳукумат низ тарҳҳои наве рӯи даст гирифт, то ба сайёҳони хориҷиву ватанӣ шароити марғуб муҳайё созад. Дар ин авохир дар Тахтақорача як идда иншооти вобаста ба туризм ва экотуризм бунёд гардиданд ва шукӯҳи ин мавзеъро боло бурданд.

Ҷамъияти саҳҳомии масъулияташ маҳдуди «Омад сервис қурилиш» тибқи як лоиҳа, ки 3 миллион доллар қимат дорад, як қатор корҳоро ба сомон расонид. Дар бахши аввали лоиҳа сохта шудани меҳмонхонаи 100 ҷойи будубош ва тарабхонаи оилавии 300 ҷойи нишаст дар назар дошта шуда буд. Ин иншоот дорои шароити хуби замонавӣ буда, ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ ҳастанд. Ҳоло коргоҳи сохтмонии мазкур бунёди бахши аввали лоиҳаро ба анҷом расонид ва мавриди баҳрабардорӣ қарор дод. Маросими рӯнамоии он бо ширкати ҷонишини мушовири Президент Улуғбек Муҳаммадиев, ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов, роҳбарони идороти мухталиф, мӯйсафедон баргузор гардид. Таъкид шуд, ки ба кор шурӯъ кардани ин иншоот салоҳияти сайёҳии ноҳияи Китобро боло бурда, ба ҷалби ҷаҳонгардон аз тамоми ҷаҳон мусоидат хоҳад сохт.

Назар ба маълумоти идораи сохтмон, бахши дуюми лоиҳа дар зудтарин фурсат оғоз меёбад. Ин навбат харидан ва насб сохтани 20 ҳуҷраи капсулавӣ пешбинӣ шудааст, ки барои будубоши сайёҳон дар шароити кӯҳистон беҳтарин василаи арзёбӣ мегардад. Ин капсулаҳои муҷаҳҳаз дар ҷойҳои гуногун насб мешаванд, ки аз он намои кӯҳистон ва ҳашамати ағбаи Тахтақорача сайёҳонро ба ваҷд хоҳад овард.

Бо баробари пурра ба кор оғоз кардани иншооти мазкур барои мардуми маҳаллӣ ҷойҳои нави кор пайдо мешаванд ва рӯзгори чандин нафар обод ва рӯ ба беҳбудӣ хоҳад ниҳод.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

*Дар шаҳри Нурафшон «Ярмаркаи саноатии байнисоҳавии минтақавӣ» баргузор гардид. Мақсад аз ин ба роҳ мондани муносибатҳои ҳамкорӣ дар таъмини маҳсулоти воридотивазкунанда ба корхонаҳои бузурги шабакавии кишварамон аз ҷониби намояндагони соҳибкории хурду хусусии маҳаллӣ мебошад.*

*Бо назардошти ин, дар ярмаркаи дурӯза зиёда аз 10 соҳаю вазоратҳо, инчунин корхонаҳо аз тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ бо маҳсулоти худ иштирок карданд. Аз ҷумла, беш аз 300 корхонаи саноатии вилояти Тошканд бо зиёда аз 2,5 ҳазор намуди маҳсулот ва наздики 50 соҳибкор аз дигар вилоятҳо ширкат варзиданд.*

*Чунин ярмаркаҳо истеҳсолкунандагонро бо харидорон пайваст намуда, онҳоро бо бозори кафолатнок таъмин мекунанд. Аз ҷумла, дар ярмаркаи саноатие, ки соли гузашта дар вилоят барпо гардид, ба маблағи қариб 600 миллиард сӯм шартнома имзо шуд, ки далели равшани ин аст.*

***Суратгир: А. АЛИҶОНОВ (ӮзА).***



# МАРҲИЛАИ НАВИ ҲАМКОРИҲО ДАР ФОРМАТИ «ОСИЁИ МАРКАЗӢ – ИТТИҲОДИ АВРУПО»

(Аввалаш дар саҳ.1).

**Иқдомҳои Ӯзбекистон, ки ба ҳамкории ояндадор нигаронида шудаанд**

Президенти Ӯзбекистон сармоягузорӣ ба навсозии иқтисодӣ ва технологиро ҳамчун авлавияти ҳамкорӣ муайян кард. «Охири моҳи июн (соли 2025) мо дар ҳамкорӣ бо Бонки аврупоии таҷдид ва рушд Форуми сармоягузории Тошкандро мегузаронем. Дар ин чорабинӣ ният дорем портфели ҷории лоиҳаҳоро бо ширкат ва бонкҳои пешбари аврупоӣ дар ҳаҷми беш аз 30 миллиард евро муаррифӣ намоем», – изҳор дошт Президенти Ӯзбекистон.

Сарвари мамлакат пешниҳод кард, ки идораи Бонки сармоягузории аврупоӣ дар Тошканд кушода шавад, ки ин раванд ҷалби сармоягузориҳои мустақимро аз кишварҳои ИА ба Осиёи Марказӣ фаъол хоҳад кард. Вай ҳамчунин ташаббуси таъсиси Платформаи сармоягузориро барои пешбурди лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ дар бахшҳои энергетикаи «сабз», инноватсия, нақлиёт, инфрасохтор ва бахши аграрӣ пешниҳод намуд. Ғайр аз ин, пешниҳод шуд, ки Созишномаи бисёрҷониба оид ба ҳифз ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба имзо расад; Палатаи муштараки савдои «Осиёи Марказӣ – ИА» таъсис дода шавад; барномаҳои минтақавии дастгирии тиҷорати хурду миёна ва соҳибкории занон қабул карда шаванд.

Чораҳои ҳамоҳангшуда таҳия гардида, барои густариш ва истифодаи пурраи Долони нақлиётии наздикасбӣ шароити мусоид фароҳам гардид.

Ташаббусҳои Президенти Ӯзбекистон аҳамияти махсус доранд. Зеро онҳо соҳаҳои калидии ҳамкориро дар бар мегиранд. Бешубҳа, ин пешниҳодҳо бо барномаҳои ИА, ки ҳадафи рушди низоми маорифи минтақаро доранд, мувофиқ мебошанд. Иттиҳоди Аврупо аз модернизатсияи таҳсилоти олӣ дар Осиёи Марказӣ фаъолона пуштибонӣ мекунад.

Барномаи Tempus дар вақти худ ба мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ба талаботи Раванди Болоня ва бозори меҳнати маҳаллӣ мусоидат намуда, тақрибан 120 донишгоҳи минтақаро фаро гирифт ва маблағгузории 69 миллион евро ба даст овард.

Ҳамин тавр, барномаи CAREN беш аз 500 донишгоҳ ва маркази илмии Осиёи Марказиро тавассути шабакаҳои интернетии баландсуръат бо шарикони аврупоӣ пайваст намуд. Ин амал мубодилаи илмиро ба таври назаррас тақвият дода, ба ҳамгироии минтақа ба фазои ҷаҳонии таълимӣ мусоидат кард.

Тавре маълум аст, ИА инчунин бузургтарин донори Шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф (GPE) мебошад, ки зиёда аз 100 миллион евро барои рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва касбӣ ҷудо кардааст.

Яке аз самтҳои асосӣ дар ин соҳа барномаҳои таълимӣ мебошанд, ки таъсиси стипендияҳоро барои донишҷӯёни Осиёи Марказӣ дар бар мегиранд. Масалан, барномаи Erasmus+ ба онҳо имкон медиҳад, ки дар донишгоҳҳои аврупоӣ таҳсил кунанд ва бо ҳамкорони хориҷии худ таҷриба мубодила намоянд. Тақдими зиёда аз 250 стипендияи магистрӣ ба донишҷӯёни Осиёи Марказӣ дар доираи барномаи Erasmus Mundus ва татбиқи 69 лоиҳаи муштарак бо иштироки муассисаҳои таҳсилоти олии минтақа шаҳодати сатҳи рӯзафзуни ҳамгироӣ ба фазои ҷаҳонии таълим мебошад.

Дар ин замина, пешниҳоди Президенти Ӯзбекистон оид ба ҷорӣ намудани квотаҳои махсус барои кишварҳои минтақа дар доираи барномаи Erasmus+ аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. Ин иқдом ба тайёр кардани мутахассисони баландихтисос мусоидат хоҳад кард, ки метавонанд ба рушди устувори кишварҳои худ саҳм гузоранд ва инчунин нақши Осиёи Марказиро ҳамчун шарики калидии ИА дар соҳаи маориф ва илм таҳким бахшанд. Ин на танҳо мушкили норасоии мутахассисонро ҳал мекунад, балки робитаҳоро байни ду минтақа тақвият мебахшад.

Ҳамкории илмӣ байни Осиёи Марказӣ ва ИА дар доираи барномаҳои «Горизонт 2020» ва «Горизонт – Аврупо» бо татбиқи 42 лоиҳа бо иштироки 62 созмони минтақа амалӣ шуда, ба миқдори 2,28 миллион евро маблағ ба даст овардааст. Бо мақсади густариши минбаъдаи ин ҳамкорӣ, Президенти Ӯзбекистон пешниҳод кард, ки дафтари барномаи «Горизонт – Аврупо» дар кишвар таъсис дода шавад. Ин ташаббус ба фароҳам овардани платформа барои таҳқиқоти муштарак дар соҳаҳое чун зеҳни сунъӣ, маълумотҳои бузург ва технологияҳои рақамӣ мусоидат хоҳад кард.

Амалӣ шудани ин пешниҳод ҳамкориҳои илмӣ ва таълимӣ бо кишварҳои ИА-ро фаъолтар намуда, рақобатпазирии минтақаро тавассути дастрасӣ ба дониш ва технологияҳои пешрафта баланд мебардорад.

Тибқи натиҷаҳои аввалин нишаст, Декларатсияи муштарак қабул гардид, ки барқарор намудани шарикии стратегӣ байни ду минтақа ва декларатсия оид ба ҳамкорӣ дар бахши минералҳои муҳимро пешбинӣ мекунад. Инчунин, як бастаи бузурги ташаббусҳо мувофиқа карда шуд, ки ба ҳамгироии иқтисодӣ, гуманитарӣ ва технологӣ равона шудаанд.

Иқдомҳои фарҳангӣ, аз қабили фестивал, намоишгоҳ ва лоиҳаҳои ҳунарӣ низ ба фаҳмиши амиқтари хусусиятҳои фарҳангӣ ва анъанаҳои ҳарду ҷониб мусоидат мекунанд. Чунин чорабиниҳо барои муколама ва ҳамкорӣ платформа фароҳам оварда, ба халқҳо имкон медиҳанд, ки якдигарро беҳтар шиносанд ва муносибатҳои фарҳангиро рушд диҳанд.

Ҳамин тариқ, мубодилаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ байни Осиёи Марказӣ ва ИА ба ташаккули муҳити байналмилалии устувор ва мутобиқ мусоидат мекунад.

**Амонулло МУҲАММАДҶОНОВ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд.**

***Дар маҳаллаи Нурафшони шаҳри Намангон бо мақсади дастгирӣ кардани фаъолияти ҳунармандон ва ривоҷ додани соҳаи тадбиркорӣ «Маркази ҳунармандон» аз нав сохта мешавад.***

# «МАСКАНИ ҲУНАРМАНДОН» АЗ НАВ БУНЁД МЕГАРДАД

Ҳокими шаҳри Намангон Анвар Отахӯҷаев ва масъулони соҳаи бинокорӣ дар он ҷо бо рафти кор шинос шуданд. Ба нақшаҳои корӣ якчанд дигаргунӣ илова карданд. Корҳои коммуникатсионӣ, оби нӯшокиву таъмири роҳ, мумфарш намудани ҳудуд ва шинонидани трансформатори нав ба нақша гирифта шуд.

Дар доираи лоиҳа дар марказ боз 20 субъекти тадбиркорӣ ташкил мешавад ва дар натиҷа ҷойҳои корӣ боз зиёд хоҳад шуд. Ҳоким таъкид намуд, ки ҳар як бино ва дӯкон бо тарзи замонавӣ сохта шуда, ба талаби замон ҷавоб диҳад, то ки намуди берунии масканҳо чун маҳсулотҳои ҳунармандии истеҳсолӣ сифатнок бояд шавад.



# МАКОНИ САБЗ – РАМЗИ ХУШҲОЛӢ

***Дар кишварамон барои бартараф намудани муфлисшавии муҳити атроф ташаббусҳои нек пешбинӣ гардида, ин ҳаракати умумимиллӣ ба дараҷаи сиёсӣ бардошта шуд. Бо ташаббуси роҳбари давлат соле ду маротиба – мавсимҳои ниҳолшинонии баҳорӣ ва тирамоҳӣ ба роҳ монда шуданд.***

Дар вилояти Намангон низ дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» корҳои васеъмиқёси ноҳолшинонӣ ва барпо намудани минтақаҳои сабз пеш бурда мешаванд.

Бино ба маълумоти соли гузашта, дар ҳудуди вилоят дар мавсими баҳор 10 миллиону 721 ҳазор бех, дар мавсими тирамоҳ бошад, 7 миллион 079 ҳазор бех ниҳолҳои бутагӣ ва дарахтони соягӣ шинонда шудаанд. Дар 15,35 гектар замини шаҳру ноҳияҳои вилоят «Боғҳои сабз» барпо карда шуданд.

Соли ҷорӣ дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» шинониданӣ 15,4 миллион ниҳолҳои манзаравӣ ва мевадеҳ ба нақша гирифта шудааст. Дар давоми мавсим 46 бозори ниҳол ва нуқтаҳои савдо ташкил карда мешаванд.

«Янги Ӯзбекистон боғи», ки дар замини 60 гектарӣ ҷойгир шудааст, ба маскани сабзу хуррам табдил меёбад. Ба наздикӣ дар ин ҷо бо ташаббуси ҳокими вилоят ҳашари халқӣ ташкил карда шуд. Пирон, вакилони идора ва ташкилот, фаъолони ҷамоатӣ дар ин ҳаракати умумимиллӣ иштирок намуда, беш аз 4 ҳазор бех ниҳолҳои дарахтони манзаравию мевадеҳ шинониданд. Ба тозагии ҳудуд ва парвариши дарахту ниҳолҳои мавҷуда эътибор дода шуд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

*Ба рӯзнома ҷавоб омад*

# ИҶРОИ КОРҲО МАВҚУФ ГУЗОШТА ШУДААСТ

***Муштариёни «Овози тоҷик» хабар доранд, ки чандест дар саҳифаи расмии рӯзнома дар телеграм бо мақсади беҳсозии сифати таълим, дастгирӣ ва ҳавасманд кардани омӯзгорон ва донишомӯзони фаъол, инчунин, кумак барои ҳалли мушкилоти муассисаҳои таълими умумӣ таҳти рукни «Аз ҳаёти як мактаб» пурсишнома гузаронида мешавад. Баъдан, бино ба натиҷаҳо дар бораи ҳаёти мактаби фаъолу пешқадам, ки дар ин назарсанҷӣ овози бештар ҷамъ кардааст, мақолаҳои пурмуҳтаво чоп мегардад. Ҳамзамон, аз рӯйи мушкилоте, ки дар мактабҳо муайян шудааст, ба ташкилотҳои мутасаддии вилоятҳо номаи расмӣ фиристода мешавад.***

Дар шумораи 21-уми «Овози тоҷик» (12 марти соли 2025) дар бораи боргоҳи таълимии фаъолу пешқадами ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона – мактаби таълими умумии рақами 11, дастовардҳои омӯзгор ва донишомӯзони боргоҳи таълимӣ ва мушкилоти мактаб мақола таҳти унвони «Мактаби Чашма – ғолиби пурсишнома»! чоп шуд. Инчунин, дар шумораи 23-юми «Овози тоҷик» (аз 19 марти соли 2025) мақолаи «Чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ?» рӯйи чоп омад, ки дар он низ сухан дар бораи ду мактаби дигар – мактабҳои 14 ва 7-уми ноҳияи Сӯх меравад.

Аз рӯйи мушкилоте, ки дар ин мактабҳо муайян гардиданд, ба чанд ташкилоти мутасаддии вилояти Фарғона, аз ҷумла ҳокимияти вилоят хати расмӣ фиристода шуд.

Чанде пеш ба ин хати мо аз номи ҷонишини ҳокими вилояти Фарғона Б.Қӯлдошев ҷавоб омад, ки чунин мазмун дошт:

*«Масъалаҳое, ки дар хати фиристодаи Шумо аз 20 марти соли 2025 таҳти рақами 19 ба ҳокимияти вилояти Фарғона ба миён гузошта шудааст, тибқи тартиботи муқаррарӣ омӯхта шуд. Аз рӯйи ин масъалаҳо маълумоти зеринро пешкаш мекунем.*

*Ҳоло дар ноҳияи Сӯх ҷамъ 33 мактаби таълими умумӣ мавҷуд ва дар онҳо 17929 нафар таҳсил мегиранд. Аз ин миқдор 16572 нафар донишомӯз бо забони тоҷикӣ мехонанд. Дар мактабҳо ҷамъ 16922 дона китобҳои дарсӣ (адабиёти таълимӣ) бо забони тоҷикӣ ҳаст ва дар мактабҳои ҳамагонӣ мушкилоти китобҳои дарсӣ вуҷуд надорад.*

*Дар мактабҳои ноҳия теъдоди умумии адабиёти бадеӣ бо забони тоҷикӣ 4602 донаро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар мактаби таълими умумии рақами 7-уми ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Мулгон» ҷамъ 108 дона адабиёти бадеӣ (аз он 84-то бадеӣ ва 24-то таълимӣ-методӣ) мавҷуд. Ҳоло аз ҷониби Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят ҷиҳати дар оянда ба китобхонаи мактаб расонидани 1633-то адабиёт бо забони тоҷикӣ (аз ин 1586-то бадеӣ, 36-то таълимӣ-методӣ, 5-то сиёсӣ, 6-то илмӣ) корҳои амалӣ идома доранд.*

*Бо ин мақсад, аз тарафи Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят барои донишомӯзони мактабҳои таълими умумии ноҳияи Сӯх, ки таълим бо забони тоҷикӣ аст, дар соли таҳсили 2024-2025 барои ҷамъ 161252 дона китобҳои нави дарсӣ ба Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ дархост фиристода шудааст. Дар асоси ин дархост марҳила ба марҳила (дар ҳар чоряк) китобҳои дарсӣ ва маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ дастрас мегардад.*

*Мактаби таълими умумии рақами 11, воқеъ дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Чашма» соли 1994 бунёд гардида, барои таҳсили 780 нафар пешбинӣ шудааст ва ҳоло дар он 907 нафар донишомӯз бо коэффитсиенти 1,2 таълим мегиранд.*

*Бори охир соли 2019 дар асоси Барномаи сармоягузорӣ бинои нави таълимии дорои 210 ҷойи нишаст бунёд гардида, бинои дорои 570 ҷой, ки мавҷуд буд, пурра таъмир шудааст. Дар мактаб толори варзишӣ бо андозаи 12х24 мавҷуд. Бо оби ошомиданӣ таъмин аст ва атрофаш иҳота гардидааст. Бинои ошхона барои 50 нафар амал мекунад. Дар ҳақиқат, дар мактаб толори фаъолон вуҷуд надорад.*

*Ҳоло дар вилоят 955 мактаби таълими умумӣ мавҷуд, ки дар 38 мактаб хонандагон бо коэффитсиенти 2,0, дар 95-то бо коэффитсиенти 1,5-1,9, дар 482-то бо коэффитсиенти 1,0-1,4 ва дар 340 мактаби боқимонда бо коэффитсиенти 1,0 таълим мегиранд.*

*Дар 122-то мактаби таълими умумии вилоят толори варзишӣ, дар 436-то мактаб толори фаъолон ва дар 400 мактаб ошхона вуҷуд надорад. Ғайр аз ин, 66 мактаби таълими ҳамагонӣ ба таъмири пурра ниёз доранд.*

*Аз тарафи Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят якҷоя бо масъулони дахлдор ташаккули рӯйхати мақсаднок аз рӯйи ворид кардани масъалаҳои марбут ба бунёди биноҳои нави маъмурӣ ба барномаҳои давлатӣ, ки барои солҳои 2026-2028 пешбинӣ шудаанд ва тақдими он ба Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ муқаррар гардидааст.*

*Ба ин рӯйхати мақсаднок нахуст мактабҳое, ки раванди таълим дар коэффитсиенти 2,0 ва аз он боло идома дорад ва боргоҳҳои таълимие, ки аз хишти хом сохта шуда, вайрон кардани биноҳои бесифат ва дар ҷойи онҳо бунёди биноҳои нав пешбинӣ шудааст, ворид карда мешаванд.*

*Ғайр аз ин, бо мақсади дар фурсати кӯтоҳ ҳал кардани мушкилоти бо толори фаъолон марбути мактаби таълими умумии рақами 11 ба шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия тавсия дода шуд, ки масъалаи бунёди бинои нави маъмуриву таъмири мукаммалро ба лоиҳаи «Буҷети ташаббуснок» ворид созанд».*

Аз ин номаи ҳокимияти вилояти Фарғона таҳти рақами 07-19/721 (8 апрели соли 2025) аён мешавад, ки иҷрои аксар мушкилоти мактабҳо мавқуф гузошта шудааст ва танҳо дар ҳалли баъзе аз онҳо корҳои амалӣ дар раванди иҷро ҳастанд. Умед дорем, ки ҳеҷ набошад ҳамон мушкилоте, ки масъулон барои иҷро ваъда доданд, ҳалли худро меёбанд. Зеро, дар масъалаи беҳсозии сифати таълиму тарбия беэътиборӣ нашояд. Ба таъбири Сарвари давлат бигӯем, «Таълим ва тарбия кори муқаддаси тамоми ҷомеа аст. Масъалаи ҳаёту мамот мебошад, ки аз мо доим ҳамҷиҳатӣ, фаъолӣ ва фидокориро талаб мекунад».

**Бахши мактаб ва маънавияти**
**«Овози тоҷик».**




# ФЕСТИВАЛИ «ҶАВОНОН ВА ДОНИШҶӮЁН» ДАР ТИРМИЗ

***Дар шаҳри Тирмиз дар мисоли таҷрибаи Сурхондарё фестивали «Ҷавонон ва донишҷӯён» баргузор гардид.***

Фестивал дар Маркази ахбор-китобхонаи вилоят ба номи Адиб Собири Тирмизӣ бо озмуни «Донишҷӯи китобхон» оғоз ёфт. Дар он донишҷӯёни муассисаҳои таълими олӣ аз рӯйи як қатор шартҳо рақобат карданд. Бино ба натиҷаҳои ниҳоӣ донишҷӯйи Донишкадаи давлатии педагогии Тирмиз Хуршеда Тоҷимуродова ҷойи якум, донишҷӯйи филиали Академияи тиббии Тошканд дар Тирмиз Акбар Ҳайитов ҷойи дувум ва донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Тирмиз Дилдора Поёнова ҷойи сеюмро ба даст оварданд.

Фестивали ҷавонон бо лоиҳаҳо чун «Ҳашар ба ҷавонон зебанда аст», «Осорхонаҳо — аз нигоҳи ҷавонон» идома ёфт. Ҳамзамон, дар байни донишҷӯён мусобиқаҳои варзишӣ аз рӯи намудҳои волейбол ва баскетбол, озмуни «Хушҳолон ва заковатмандон», бозии зеҳнии «Заковат» ва мусобиқаи пухтани таомҳои миллии «Ош» баргузор гардиданд.

Ёдовар мекунем, ки ҳоло дар шаш муассисаи таҳсилоти олии вилоят зиёда аз 50 ҳазор ҷавонписару духтарон таҳсил гирифта, чун кадрҳои арзандаи Ӯзбекистони Нав ба камол мерасанд. Барои дониш омӯхтан, сайқали истеъдод, таҳкими неруи маънавӣ ва ҷисмонии онҳо шароити зарурӣ фароҳам гардидааст.

Чорабинии ҷамъбастии фестивал дар назди бинои ҳокимияти вилоят баргузор гардид. Дар оғоз ба ҷавононе, ки дар мусобиқаву озмун ғолиб шуданд ва дар аксияву лоиҳаҳо фаъол иштирок карданд, диплом ва туҳфаҳои қиматбаҳо супорида шуд.

Фестивал бо барномаи консертӣ бо иштироки ҳунармандони маъруф ва овозхонҳои вилоят анҷом ёфт.

**Сурайё НОРМАНӢ,**
**муҳаррири Ширкати симо ва садои вилояти Сурхондарё.**

# КОРХОНАЕ, КИ ҲАМТО НАДОРАД

***Ҳокими вилояти Навоӣ Нормат Турсунов ва дигар масъулони расмӣ аз маҷмааи илмӣ-истеҳсолии Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Biotech Researchand innovation», ки зери тамғаи савдоии «BRAIN» дар ноҳияи Навбаҳор фаъолият дорад, дидан карданд. Ҷамъият натанҳо дар вилоят, балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамтои худро надорад.***

Дар ҷамъият ба парвариши морҳо ва оилаи каждумгунаҳо, омӯзиш ва тадқиқи тарзи ҳаёти онҳо шуғл доранд. Ҳамчунин муассиса ба омӯзиш ва истеҳсоли воситаҳои фарматсевтикӣ ва косметологӣ дар заминаи заҳри ҷонварон, ҷавобгӯ ба рақобат ва додани сертификат ба маҳсулот фаъолият пеш мебарад.

Ширкати «BRAIN» бо мақсади омӯзиш ва зиёд намудани насли ҷонвароне, ки ба Китоби Сурхи Осиёи Марказӣ ворид карда шудаанд, таъсис ёфтааст. Муҳимтарин вазифаи ширкат истеҳсоли моддаҳои фаъоли биологӣ буда, ба рушди илму фан ва тиббиёт саҳм гузоштан мебошад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ИСЛОҲОТ САМАР ВА НАТИҶАҲОИ ХУБ МЕДИҲАД

***Боиси шодмонист, ки маҳз бо дастгирии пайвастаи давлату ҳукумат имрӯз ҷавонони кишвар дар муҳити сулҳу субот, дар ҷамъияти демокративу ҳуқуқбунёд таҳсилу фаъолият доранд. Ҷавонон сармоя ва муҳимтарин неруи миллат ба ҳисоб мераванд, ки агар ин неру ба хубӣ парвариш ва таълим дода шавад, оянда метавонад ҳосил ва натиҷаи хубе барои он кишвар бошад.***

Ҷавонон – идомадиҳандаи таъриху фарҳанги қадимаи ватани худ, сарчашмаи ташаббусҳои бузург, манбаи ғояҳои нав, эҷодкори тақдири имрӯзуояндаи Ӯзбекистон мебошанд. Сарвари давлатамон дар ин хусус гуфта буд, ки «Мақсади мо он аст, ки ҷавонони Ӯзбекистони Нав ҳамчун шахсиятҳои баркамоли дорои ҷаҳонбинии васеъ ва тафаккури созанда, ки омодаанд барои тақдири Ватан масъулиятро ба зимма гиранд, ба воя расанд».

Дар Ӯзбекистон системаи пайвастаи таълим ва тарбия ташаккул ёфтааст, ки ба ҷавонон имкон медиҳад, ба ҷаҳони тамаддуни иттилоотӣ ворид шаванд, аз дастовардҳои илму техника ва технологияи муосир барои гирифтани дониш истифода баранд ва барои рушди шахсияти худӣ имкониятҳои объективӣ пайдо кунанд.

Дар ҳамин ҳол, тайи даҳ соли охир муносибат ба сиёсати ҷавонон ба таври куллӣ тағйир ёфт. Дар кишвар системаи идоракунии амалиёт бо ҷавонон ҷорӣ шудааст. Ислоҳоти марбут ба тарбияи ҷавонон ба таври системавӣ ва марҳилавӣ амалӣ шуда, бо дигар соҳаҳои ҷамъият пайванди ногусастанӣ дорад. Ислоҳот аллакай самар ва натиҷаҳои хуб дода истодааст.

Аббос Қурбонов хатмкунандаи мактаби ҳамагонии рақами 29-уми ноҳияи Гулистони вилояти Сирдарё мебошад. Падараш Азизмурод хидматчии ширкат буда, модараш Орзугул хонанишин аст. Корномае, ки Аббос нишон дод, аҳли ширкат ва пайвандонро ба ваҷд овард. Ӯ баробари забони модарӣ, забони давлатӣ ва англисиро хуб балад аст. Ҳамеша дар омӯзиш ва ҷустуҷӯ мебошад. Бо ҳамин хусусияташ аз баъзе ҳамсабақон фарқ мекунад. Ҷавонест камгап, вале худшиносу худогоҳ. Бо техникаву технологияи замон хуб ошноӣ дорад ва ҳар як лаҳзаи вақтро ғанимат медонад.

– Аббос аз пайи бобояш рафтааст, – мегӯяд падараш Азизмурод. – Падарам Қурбонбой омӯзгори фанни кимиё буданд. Дар мактаби деҳа обрӯву эътибори хоса доштанд. Имрӯз даҳҳо шогирдонашон дар соҳаҳои гуногун фаъол меҳнат мекунанд. Чанд нафари онҳо дар мактабҳо аз фанни кимиё ба толибилмон сабақ медиҳанд.

Ин буд, ки Аббос дар ин самт қадамҳои нахустини устувор гузошт. Ӯ дар соли 2025 аз имтиҳони САТ (тести академии байналхалқӣ) 1410 хол ба даст оварда, тариқи грант донишҷӯйи даҳ донишгоҳи пешқадами ҷаҳон гардид.

Бешубҳа, ҷавононе, ки салоҳияти бузург доранд, дониш, неруи эҷодии онҳо чун омили калидӣ дар рушди устувори Ӯзбекистон хидмат мекунад. Тавре Президент Шавкат Мирзиёев таъкид намудааст: «Мо тамоми қувва ва имкониятҳои давлат ва ҷомеаи худро сафарбар мекунем, то ҷавонони мо дорои тафаккури мустақил, қобилияти баланди зеҳнӣ ва маънавӣ бошанд, дар ҳеҷ соҳа аз ҳамсолони худ дар қафо намонанд, хушбахт ва баояндаи худ итминон дошта бошанд». Кош, ҳама ҷавонони мо аз ин имкониятҳо чун Аббос истифода баранд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*15-апрел – зодрӯзи Устод Садриддин Айнӣ*

# МАҚОМ ВА АҲАМИЯТИ ХОНА-МУЗЕЙИ УСТОД ДАР ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ИНСОНИ МУОСИР

***Осорхонаи ёдгории намояндаи бузурги адабиёт ва илми замони мо, устод Садриддин Айнӣ мавзеи писандидаву ифтихории тамоми тоҷикон аст. Аз ин рӯ, мо мекӯшем, ки ба ин рисолати дар зиммаи мо гузошташуда мувофиқат кунем.***
***Равшан аст, ки осорхонаҳо ба мақсадҳои таблиғи ин ё он сиёсат, ҳадаф ва арзишҳои мушаххаси илмиву фарҳангӣ ташкил карда мешаванд.***
***Хона-музейи устодро бинобар ҷавобҳое, ки нависанда, олим ва арбоби давлатӣ ба пурсишҳои иҷтимоӣ дошту ҳоло ҳам дорад, ташкил кардаанд. Мероси эҷодӣ ва илмии ӯ мероси умумиинсонӣ, умумибашарӣ мебошад, ки дидгоҳҳои решавӣ ва устуворро ба ҷараёни рӯйдодҳои таърихӣ, нақш ва ҷойгоҳи адабиёт, забон ва мардуми тоҷик дар рушди тамаддуни умумиинсонӣ мушаххас сохтааст.***



«Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод дар ин бобат беназир аст. Аз баландии имрӯз тасаввур кардан душвор аст, ки он на танҳо барои эҷодиёти худи Айнӣ, балки барои тамоми миллат чӣ маъно дошт. Сарфи назар аз он, ки ҳаёти нависанда дар хатар қарор дошт, ӯ ҳақ будани худро пойдорона муҳофизат кард, баъзан бо онҳое, ки иддао доштанд, миллати тоҷик забон, таърих ва ба хусус адабиёту фарҳанги бузурги худро надоранд, дасту гиреҳбон мешуд.

Фаъолияти асосии хона-музей, пеш аз ҳама, ба таблиғи рӯзгор ва осори Садриддин Айнӣ ба ҳайси як нависандаи бузургест, ки дар қатори нависандагон Шекспир, Балзак, Робендранат Тагор, Максим Горкий, Салтиков-Шедрин қарор гирифтааст.

Мо Хона-музейи ёдгории Садриддин Айниро, ки барои ӯ хеле азиз буд, эҳтиромона «Хонаи мо» меномем.

«Пас аз инқилоби феврал, ман аз Бухорои амирӣ ба Самарқанд гурехтам ва дар ин ҷо барои истиқомати доимӣ ҷойгир шудам. Пас аз Инқилоби Сотсиалистии Октябр, ман худам дар Самарқанд хона сохтам ва фаъолияти эҷодии ман асосан аз ҳамин хона оғоз ёфт. Аз «Ҷаллодони Бухоро» сар карда, то «Хотираҳо», ки ҳоло дар болои қисми VI он корамро идома медиҳам, тамоми асарҳои бадеӣ ва илмӣ дар ин хона навишта шуда буданд…

Ин хона, гӯё дар фаъолияти эҷодии ман ҳамсафари ман гашт; ҳама ҳуҷраҳо, ҷевонҳо ва ҷойгоҳҳои деворӣ дар он аз лоиҳаҳо ва дастхатҳои асарҳои ман пур буданд ва ба назарам, ҳар хишти ин хона бо кори ман зич алоқаманд аст…» гуфтааст Айнӣ.

Дар ин хона тақрибан тамоми шоирону нависандагони тоҷику ӯзбек дуоюо ризояти Устодро гирифтаанд. Хона ба мактаби Айнӣ табдил ёфт, ки тартиб ва анъанаҳои хоси худро дошт. Таҳсил дар ин мактаб барои аксари адибон шараф буд. Дар ин хона чунин як фазои бузурги илҳом, ҷустуҷӯйи камолот ташаккул ёфт, ки то имрӯз идома дорад. Худи ҷойгиршавии хона рамзист. Охир, хона дар рӯ ба рӯйи ансамбли бошукӯҳи Регистон ҷойгир аст, ки замоне дар он донишгоҳи олими бузург, арбоби давлатӣ Мирзо Улуғбек фаъолият мекард. Хона дар маҳаллаи Растаи Нав ҷойгир буд, ки дар он нависандагон, навозандагон, устодони санъати амалии халқӣ зиндагӣ мекарданд. Ба ин ҷо беҳтарин намояндагони илм, санъат, фарҳанг ва адабиёт ҷамъ меомадаанд, истеъдодҳои нав тавлид мешуданд, ситораҳои нав фурӯзон мегардиданд…

Дар ин хона Айнӣ дар ташаккулёбии Тоҷикистон, аввал ҳамчун ҷумҳурии автономӣ ва сипас ба сифати ҷумҳурии алоҳида ва мустақил, ширкат варзид. Аз ин хона Айнӣ, ҳамчун нахустин президенти Академияи илмҳо, раванди илмиро дар Тоҷикистон роҳбарӣ мекард. Дар ин хона рӯзномаҳои «Ҳуррият», «Овози тоҷик», маҷаллаи «Шуълаи Инқилоб» ташаккул ёфтанд. Дар ин хона нависанда тақрибан тамоми асарҳои бадеӣ ва илмии худро эҷод кард.

Шукр, ки хона пас аз фаромӯшии чандинсола соли 1964, ба шарофати шогирди содиқи устод, нависандаи маъруфи ӯзбек, арбоби давлатӣ Шароф Рашидов мақоми осорхонаи давлатиро гирифт. Ва баъдан бинобар таваҷҷуҳи шахсии роҳбари кишварамон Шавкат Мирзиёев хона гӯё дубора «таваллуд» шуд.

Дар он корҳои таъмирӣ ва сохтмони асосӣ гузаронида шуданд, экспозитсияҳои наве фароҳам гардиданд, ки дар бораи ҳаёт ва фаъолияти устод Садриддин Айнӣ дар солҳои истиқомати ӯ дар Самарқанд нақл мекунанд.

Имрӯзҳо дар осорхона замимаи «NAZZAR» амал мекунад, меҳмонон имкон доранд, тавассути «Осорхонаи интеллектуалӣ» дар бораи хона-музей, ҳаёт ва фаъолияти самарқандии Айнӣ ба забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ маълумот бигирад. Барои шиносоӣ бо осорхона дар режими интерактив мундариҷаи иловагӣ ҳувайдост.

Ҳамаи ин хеле муҳим аст, аммо муҳимтар аз ҳама, зиёд шудани сафи бинандагонест, ки аз тамоми гӯшаю канори ҷаҳон ташриф меоваранд, ин хона барои онҳо низ ибодатгоҳи фарзанди бузурги халқи тоҷик мебошад.

**Амриддин ПӮЛОДӢ,**
**мудири Хона-музейи ёдгории Садриддин Айнӣ.**

*Бозгашт ба мавзӯъ*

***Дар шумораи 16-уми «Овози тоҷик» (22 феврали соли 2025) дар бораи вазъи ногувори бинои ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Каттасой»-и ноҳияи Нурато мақолаи «Бинои маҳалла кай обод мешавад?» чоп гардид ва аз байн ҳафтае гузашту ҳокими вилояти Навоӣ Нормат Турсунов якҷо бо масъулони ноҳияи Нурато ба ин маҳалла рафта, бо мардуми деҳа мулоқот кард ва ҳангоми суҳбат ваъда дод, ки барои маҳалла бинои нав месозанд.***

# ҲОКИМ ВАЪДА ДОД, АММО…

Дар ин бора Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Навоӣ дар саҳифаи расмии ҳокимият низ хабар дод. Оид ба ин дар шумораи 19-уми рӯзнома аз 5 марти соли равон мақола таҳти унвони «Ҳоким ваъда дод: барои маҳалла бинои нав месозанд» рӯйи чоп омад.

Бояд гуфт, ки ин навид боиси хурсандии аҳли се деҳа – Эҷ, Сойхурд ва Симбулоқ шуд. Ҳатто чанд нафар ба таҳририят занг зада, сипосгузорӣ намуданд. Пиру ҷавон умед доштанд, ки масъулон ба ваъда вафо мекунанд ва дар фурсати кӯтоҳ бинои нав қад афрохта, дар деҳа боз як гӯшаи ободу сарсабз пайдо мешавад, барои мардуми маҳаллу «ҳафтгона»-и маҳалла шароити хубу мусоид фароҳам мегардад.

Аммо ин хурсандии аҳли маҳалла дер давом накард. Дар арафаи ҷашни байналмилалии Наврӯз ба номи раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳалла Орзумурод Рӯзиев аз номи муовини якуми шуъбаи иқтисодиёт ва молияи ноҳияи Нурато С.Ҳайдаров нома таҳти рақами 01-12-238/20-37-/11 дастрас гардид, ки дар он чунин сатрҳоро метавон хонд: «Аз тарафи фаъолони маҳалла ба мавсими якуми «Буҷети ташаббуснок» дар соли 2025 оид ба масъалаи бунёди бинои нав барои ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Каттасой»-и ноҳияи Нурато лоиҳа ворид гардида, ба марҳилаи овоздиҳӣ гузаронида шудааст. Агар дар анҷоми овоздиҳӣ лоиҳа ғолиб шавад, бунёди бинои маҳалла имконпазир хоҳад шуд». Аз мазмуни нома бармеояд, ки масъулон бунёди бинои маҳалларо то ҳадде боз ба дӯши худи мардуми маҳаллӣ гузоштаанд.

Аҷиби кор дар он аст, ки нома 19 март, яъне як рӯз пеш аз анҷоми овоздиҳӣ дар мавсими якум дастрас гардидааст. Ғайр аз ин, аҳли маҳалла қаблан низ чанд бор бунёди биноро дар лоиҳаи «Буҷети ташаббуснок» гузоштаанд, вале бинобар кам будани теъдоди мардуми маҳаллӣ (бештар аз 1800 нафар) пирӯз шуда натавонистаанд.

Инчунин дар анҷоми хати шуъбаи иқтисодиёт ва молияи ноҳияи Нурато таъкид гардидааст, ки «Ба шаҳрванд фаҳмонида шуд, ки дар ҳоли норозӣ будан аз ин ҷавоб метавонад дар асоси моддаи 33-юми Қонун «Дар бораи мурочиатҳои шахсони ҷисмонӣ ва юридикӣ» ба мақомоти болоӣ муроҷиат намояд».

Саволи барҳақ ба миён меояд: шаҳрвандон аз рӯйи ин масъала ба кадом мақомот ё ташкилоти болоӣ муроҷиат кунанд? Дар ҳоле ки Президенти мамлакат пайваста барои дар сатҳи маҳалла ва ноҳия ҳал кардани мушкилоти мардум талош мекунанд, аз рӯйи ин дастуру супоришҳо медиҳанд, чаро ташкилотҳои масъул иҷрои муамморо яке бар дигаре вомегузоранд? Чаро ҳокими вилоят ба ваъда вафо накард? Магар ин боварии мардумро ба фаъолияти ҳокимият, корбарии роҳбарият, умуман устувории адолату пойдории тамоюли «Барои қадри инсон» дар ҷомеа халалдор намекунад?

Умед дорем, ки «мақомоти болоӣ» дар мавриди ин масъала муносибати расмии худро баён мекунанд.

**Шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти «Овози тоҷик».**

*Ба пешвози 80-солагии Ғалаба*

# ҚИССАИ ТАЪРИХИИ «ЭШЕЛОНИ МАДАДКОР»



Дар таърихи инсоният беш аз 15 ҳазор ҷангҳои хурду калон рух додаанд. Лек ҳеҷ яки онҳо ба ҷанге ки аз ҷониби Олмони фашистӣ ба муқобили давлати абарқудрате бо номи СССР – Иттифоқи Республикаҳои Советии Сотсиалистӣ машҳур буд, оғоз гардида, солҳои 1941-1945 давом кард ва дар таърих бо номи Ҷанги Бузурги Ватанӣ сабт шуд, баробар шуда наметавонад.

Ин ҷанг, ки моҳи июни соли 1941 оғоз шуда буд, тамоми мардуми Иттиҳоди Шӯравӣ – аз хурд то калон, марду занро ба ҷунбиш овард. Ҳама ба ҳимояи Ватан камар баста, дар мубориза бар муқобили душман сар боло карданд.

Душман ҷангро аз сарҳадҳои ғарбии Русия, Белорусия ва Украина оғоз намуда, ба марказҳи мамлакат ҳуҷум оварда, Маскавро ишғол кардан, тамоми мамлакатро ба тасарруфи худ даровардан мехост.

Лекин ҷавонмардони далер, фидоиёни Ватан аз ҳама гӯшаю канори СССР ба даст аслиҳа гирифта, ба муқобили адӯ бархестанд.

Пиронсолон, занону духтарон ва ҳатто хурдсолони ақибгоҳ ҳам, ба ҷанговарон мадад мерасониданд. Онҳо дар ақибгоҳ истода меҳнат мекарданд ва барои ҷанговарон сарулибосу аслиҳа, ғизо омода мекарданд, ҳам мадади моддӣ ва ҳам маънавӣ мерасониданд.

Аз ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Ӯзбекистон ва Тоҷикистон низ сарулибос ва хӯроквορӣ ҷамъ оварда, барои ҷанговарон эшелонҳои мадад фиристода мешуданд. Ба ин эшелонҳо роҳбарони давлат, ташкилот ва корхонаҳо, раисони хоҷагиҳои ҷамоавӣ, олимон ва адибон ҳамроҳӣ мекарданд.

Вагонҳои пур аз либосу аслиҳа ва хӯроквории ба Маскав мерасиданд ва аз он ҷо ба фронтҳо роҳӣ карда мешуданд. Ин вагонҳоро «Эшелони мададкор» меномиданд.

Бо яке аз чунин эшелонҳо Воҳид Абдуллоеви самарқандӣ, ки ҳамон солҳо рисолаи номзадӣ ҳимоя намуда, ба сафи олимон даромада буд, низ бо як гурӯҳ намояндагони давлат, роҳбарони корхонаҳо ва шоири маъруф Ғафур Ғулом ҳамроҳӣ мекунад.

Қиссаи аз Ӯзбекистон ба майдони ҷанг, ки то ба қарибии Маскав расида буд, рафтани ин эшелонро устод Воҳид Абдулло сонитар дар асари ҳуҷҷатӣ-хотиротии худ «Эшелони мададкор» хеле возеҳу равшан баён кардааст. Асар дар шакли рӯзномаи хронологӣ таълиф ёфта, дар он тасвири воқеа ва воҳӯриҳо аз моҳи феврали соли 1942 то охири моҳи марти ҳамон сол ифода мегардад. Он солҳои пурошӯб ҷавонмардони донишманд ва соҳибмаърифат, ки бо илму эҷоди худ дар байни мардум шинохта шуда буданд, ҳамчун хазинаи бебаҳо эҳтиёт карда мешуданд. Дар ҳамин гуна вазъият Воҳид Абдулло, ки бо вуҷуди ҷавонияш ифтихори Ватан ҳисоб мешуд, бо амри виҷдон ва супориши Ватан ба ҳайати намояндагони бонуфуз ҳамроҳ шуд.

Гарчи воқеаҳои асар ибтидои солҳои 40-ум рух додаанд, муаллиф онро баъди бист соли рӯйдоди онҳо хеле ҷолиб баён карда тавонистааст, ки аз хотираи қавӣ ва маҳорати баланди адабию публитсистии ӯ дарак медиҳад.

Асар дар жанри ёддошти сафарӣ навишта шуда, аксар қаҳрамонони он ҳамзамонони худи муаллиф мебошанд: инҳо арбоби давлатӣ, шоир, меҳнаткаши рӯзгордида, роҳбари хоҷагӣ, ду тан зани фаъоланд.

Бо вуҷуди он ки «Эшелони мададкор» дар равияи публитсистӣ навишта шудааст, дорои бадеияти хубест. Дар ҷараёни баёни воқеаҳо бадеҳатан шеър гуфтани муаллиф гувоҳи маҳорати шоирии Воҳид Абдуллои донишманд аст.

Агар мо дар саҳифаҳои нахустини асар шеъри ватанпарваронаи Садриддин Айниро хонем, минбаъд гӯё дар пайравии он навишта шудани шеърҳои ватанпарваронаи худи Воҳид Абдулло, дар байни мардум қироат кардану ба назари роҳбарони вилоят афтодани шоирро мушоҳида менамоем.

Яъне Воҳид Абдулло дар қиссаи «Эшелони мададкор» на танҳо ба ҷанговарон фиристодани сару либос ва озуқа, балки расидани суханони аз қаъри дил баромадаи эҷодкоронро низ хотирнишон мекунад.

Маълум аст, ки шоирони ба ҷанг нарафтаи мо дар ақибгоҳ ҳам бо шеъру достон ва ҳикояю қиссаҳои худ, асарҳои саҳнавиашон майдони ҷанг ва воқеаҳои ақибгоҳро тавсир намуда, ҷанговаронро рӯҳан неру мебахшиданд. Яке аз чунин асарҳо «Номаи шоирони ӯзбек ба ҷанговарон» буд, ки дар зери он дар қатори Ҳамид Олимҷон, Ғафур Ғулом, Ойбек ва дигар шоирони маъруф имзои Воҳид Абдулло низ ба назар мерасад.

Аз саҳифаҳои ин хотираи замони ҷанг равшан мешавад, ки устод Воҳид Абдулло ҳамчун нависандаи ҳақиқатнигор низ соҳиби маҳорати хоси суханварӣ будааст. Мо инро аз тасвири манзараҳои табиат, акси қиёфаи чеҳраҳо, забони персонажҳои асар ва дигар воситаҳои маҳорати адабию бадеӣ ба хубӣ мушоҳида карда метавонем.

Ин асар, ҳарчанд қиссаи ҳуҷҷатист, муаллиф дар он устоди тавонои сухани бадеӣ будани худро нишон дода тавонистааст.

Ҳоло дар арафаи 80-солагии Ғалаба дар қатори ҳазорон нафар фидоиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ номи устод Воҳид Абдулло ва туфайли қиссаи ҳуҷҷатии ӯ – «Эшелони мададкор» номи ҳамаи онoнеро, ки аз ақибгоҳи фронт ба ҷанговарон кумак расонидаанд ва ин кумакро то майдони ҷанг бурда, ба ҷанговарон қувваву неру бахшидаанд, бо эъзозу эҳтироми хоса ба ёд меоварем. Оре, ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш намешавад!

**Аслиддин ҚАМАРЗОДА,**
**Корманди шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон.**
*САМАРҚАНД.*

*Аз дафтари хотираҳо*

# РОЗИЯ – НАБЕРАИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ






8-уми феврали соли равон аз дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров, муаллифи чандин рисола оид ба рӯзгори академик Ғафуров Шавкат Шарипов, ки ӯро аз соли 1979 мешиносам, паёми хуш расид. Номбурда гуфт, ки ба Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров китоби хотираҳои духтари олим ва арбоби бузурги давлатӣ – Нинел Ғафурова зери унвони «Розия» расидааст ва дар он мақолаи шумо низ ҳаст. Акои Шавкат илова кард, ки «Китоб фақат як нусха аст, нусхабардорӣ карда мефиристам». Аммо ман маҷоли гуфтушунид надоштам. Зеро пас аз 21 соли он ҳодисаи фоҷиабор номи ӯро боз мешунидам ва хотираҳоям оид ба Розияи соҳиби ҳусну латофати нотакрору дониши амиқу маҳорати баланди гӯяндагӣ дубора зинда шуданд. Аз тақдир шукргузор будам, ки дар бораи ӯ китобе чоп шудааст. Чанд фурсат гузашту нусхаи ксерокси китоб, ки дар нашриёти «Наталис»-и Маскав ба табъ расидааст, ба дастам расид. Оре, муаллиф духтари фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Бобоҷон Ғафуров – Нинелхонум шарқшиноси номӣ, мутахассиси варзида оид ба таърихи ташаккули афкори фалсафии Ҳинд ба ҳисоб меравад.

Аслан мо бояд ба қадри ёру дӯстон (хоҳ ҷавонанд, хоҳ пиранд) дар зиндагиашон бирасем. Бояд дарк кунем, ки ҳама пасу пеш меравем. Аммо марги нобаҳангом касро сахт ба риққат меоварад. Даргузашти фоҷиавии Розия моро айнан ба чунин ҳолат оварда буд.

Соли 1996 дар шуъбаи барномаҳои форсии радиои байналмилалии Тошканд ба кор оғоз намудам. Дар шуъба донандагони забони форсӣ-тоҷикӣ зиёд буданд. Яке аз онҳо Шавкатхонум Гударзӣ буд, ки аз соли 1947, яъне аз замони таъсиси гуфторҳо барои Эрон кор мекард, ӯ гӯяндаи пуртаҷриба буд. Дигаре мутахассиси эрониасл Куруши Лутфободӣ буд. Аз Валерий Иброҳимови курдназод асрори мутарҷимиро омӯхтан мумкин буд. Аммо Розия Ҷалолова – ин хонуми хушқадду қомат ва камсухан дар шуъбаи мо ҷойгоҳи махсус дошт. Вазифаи ӯ дикторӣ буд. Асосан барномаҳои адабии «Чашма» ва «Номаҳои дил»-ро мебурд. Ба кор муносибати хеле ҷиддӣ, саводи хуб дошт, факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тошкандро соли 1986 бо дипломи имтиёзнок хатм карда буд.

Дар тарҷумаи барномаву матлабҳо хатоҳои ҷиддиро ислоҳ менамуд ва онҳоро бо шеваи хеле гуворо мехонд. Дар қироати шеъри форсӣ-тоҷикӣ низ лаёқат дошт. Барномаҳое, ки бо садои Розия ба мавҷи ҳаво пахш мешуданд, аз дили шунавандагон ҷой мегирифтанд, инро аз номаҳое, ки ба унвони радио мерасиданд, дарк кардан мумкин буд.

Розия чун донист, ки ман зодаи Истаравшан ҳастаму дар факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил кардаам, малеҳона ва бо табассуми маҳин гуфт: Мову шумо ҳамватанем. Агар муаррих бошед, бешак, бобои маро хуб мешиносед, яъне академик Бобоҷон Ғафуровро!

Ростӣ, дар ҳайрат мондам, бо набераи ин шахсияти бузург дар як ҷо кор мекардам!

– Акнун донистам, ки чаро номи шуморо Розия гузоштаанд. Зеро номи модаркалонатон – модари академик ва арбоби барҷастаи давлатию ҷамъиятӣ Розия Озод буд.

– Оре, – гуфт хоксорона Розия, – модарам Нинел Бобоҷоновна дар Душанбе ба дунё омада, дастпарвари Донишгоҳи давлатии Тошканд аст. Падарам Тошмирзо Холмирзоевро ҳам шояд шиносед. Он кас мутахассиси забони урду мебошанд.

– Бале, то ҷое медонам, шарқшиноси шинохта Т. Холмирзоев муаллифи аввалин «Луғати урдую ӯзбекӣ» буд. Солҳои зиёд дар сафорати Ӯзбекистон дар Покистон кор кардааст. Барои хидматҳояш бобати тарғиби забони урду дар Ӯзбекистон бо ордени «Ситораи имтиёз»-и Покистон мукофотонида шудааст. Аммо иттифоқи ин оила дер давом накардааст. Умри Тошмирзо дароз бод!

Нинел Ғафурова пас аз хатми аспирантураи шуъбаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои СССР дар Ленинград рисолаи номзадиро ҳимоя карда, то соли 1987 дар ҳамон ҷо вазифаи сарходими илмиро адо намуд. Пас аз он ба Маскав омада, дар пажӯҳишгоҳ фаъолияти илмиро идома додааст. Муаллифи даҳҳо рисола ва мақолаҳои илмӣ оид ба афкори динию фалсафии сарзамини Ҳинд мебошад.

Розия таассуроти некашро дар бораи бобояш, меҳрубониҳои вай, зодгоҳи ӯ шаҳри Хуҷанд, деҳаи Исфисор, инчунин Душанбе нақл намуд. Ман айни замон ба ӯ дар бораи таҷлили 70-солагии Б. Ғафуров моҳи декабри соли 1979 дар Душанбе, вохӯрии донишҷӯёни факултет бо ҳамсари ӯ – муаррих Капиталина Александровна Ғафурова ва директори Институти шарқшиносӣ Е. М. Примаков ва шогирдони академик аз тамоми Иттифоқ ҳикоя намудам. Ҳамин тавр мо бо ҳамдигар унс гирифтем. Аммо фикр мекардам, ки ҳоло фурсат бисёр асту минбаъд дар бораи бобояш Б. Ғафуров ва модаркалонаш – арбоби ҳизбӣ ва журналист Карима Ҳамидовна Одилова бисёр ва тӯлонӣ суҳбатҳо хоҳем кард. (Дарвоқеъ, К. Одилова зотан аз қабардинҳои Қафқоз буда, модараш Нурҷаҳон Бесакаева аз ҷумлаи инқилобиён будааст. Номи аслии Карима, тавре ки Нинел Бобоҷонова навиштааст, Каъба аст. Ба коммунисти ӯзбек Раҳимҷон Одилов ба шавҳар баромада, ба Ӯзбекистон меояд. Р. Одилов дар мақомоти ҳизбии вилояти Қашқадарё кор мекунад. Соли 1931 Карима ба Маскав барои таҳсил меравад. Баъдтар дар институти журналистика таҳсилро давом дода, он ҷо бо Б.Ғафуров шинос мешавад ва минбаъд аҳду паймон намуда, хонадор мешаванд. Аммо пас аз хатми донишкада Б. Ғафуров ба Тоҷикистон, ҳамсараш ба Ӯзбекистон бармегардад. Ӯ соли 1939 ба Душанбе меояд ва он ҷо Нинел – духтари Б. Ғафуров ба дунё меояд).

Суҳбати тӯлонӣ бо Розия насиб накард. Барои ин, ростӣ, чандин кӯшиш ҳам накардам, ки то ҳоло пушаймонам.

Охири солҳои 90-ум дар Тошканд чандин ширкати эрониву покистонӣ, арабӣ, туркӣ пайдо шуданд. Талабот ба мутарҷимон хеле зиёд буд. Албатта маош дар ширкатҳо нисбат ба Ширкати радио ва телевизион бештар буд. Аз шуъбаҳои мухталифи Радиои байналмилалии Тошканд кадрҳои соҳибистеъдод ба кори фирмаҳо гузаштанд Аз ҷумла, Розия ба фирмаи дорусозии «Доктор Обидӣ»-и Эрону Ӯзбекистон ва Англия шомили кор шуд. Ӯ намояндагии ин фирмаи бонуфузро дар тамоми Ӯзбекистон ба зимма дошт. Аз ин рӯ, соли 2000-ум шуъбаи форсиро тарк кард ва дигар мо бо ӯ мулоқот карда наметавонистем. Кош, бо мо мемонд!

7-уми феврали соли 2004 аз хусуси дар хонааш кушта шудани Розия ва духтараш Нозия, ки дар синфи 8-ум таҳсил дошт, хабар расид. Ӯ 42-сола буд. Чанд рӯз ба худ наомадем. Вазъи онрӯзаи хонаашро тасвир карда наметавонам. Тафтишот қатли ӯро аз тарафи ду нафар марди ҷоҳил бо фаъолияти тадбиркории вай вобаста донист. Дар маросими ҷанозаи Розия ва Нозия иштирок карда натавонистем. Зеро санааш маълум набуд. Бино ба гуфти дугонаи наздики ӯ Фирӯза Исомуҳаммедова, марҳумон дар қабристони «Минор» дафн шудаанд.

Пас аз ду ё се моҳи ин воқеа корманди шуъбаи форсӣ Валерий Иброҳимов хабар дод, ки модари Розия аз Маскав омадааст ва ният дорад бо ман суҳбат кунад. Ман нашри форсии китоби Аҳрор Мухторов ва Шавкат Шариповро зери унвони «Академисион Бобоҷон Ғафуров» барои гирифтани соядасти ӯ бо худ гирифтам. Нинел Бобоҷоновна хеле хастаҳол ба назар мерасид. Дар хонаи Розияи раҳматӣ ҳарф задан хеле мушкил буд. Модари бечора гоҳе боҳушу гоҳе беҳуш гирякунон гап мезад. Аз мо хоҳиш намуд, ки аз рӯзгору фаъолияти Розия хотираҳои худро нависем. Ва чанд нафар (ман ҳам) ин корро анҷом додем, ки аз китоби «Розия» ҷой гирифт. Китоб ғайр аз чакидаҳои хотираҳои ошуфтаи мо маълумоти гаронбаҳоро дар бораи академик Б. Ғафуров, аҷдоди ӯ, аҳли хонавода ва нуфузи байналмилалии ин фарзанди обрӯманди халқи тоҷик беҳтарин суратҳо ва дастнависҳо аз давраҳои гуногуни зиндагии академик дар бар гирифтааст. Аз фурсат истифода бурда, ба муаллифи он арзи сипос менамоем.

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ,**
**узви иттифоқҳои журналистони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон.**

# ҶАМОА АҲЛ – КОРҲО САҲЛ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Чун вориди ҳавлии мактаб шудем, ҳама ҷоро саранҷом дарёфтем. Баробари қадам гузоштанамон директори мактаб, ҷавони дидадаро ва ташаббускор Диловар Иззатуллоев ва муаллими фанни забон ва адабиёти тоҷик Маҳина Мусалламова моро гарм истиқбол намуданд.

– Аз омадани мо магар огоҳӣ доштед, ки ҳама ҷоро саранҷому саришта карда мондаед, – шӯхӣ намудам.

– Не, огоҳӣ надоштем, меҳмони хуб огоҳ накарда меояд, – низ шӯхӣ намуд Диловар Иззатуллоев. – Мактаби мо, ки дар қади роҳ ҷойгир аст, шукр, омаду рафти меҳмонон низ канда нест. Муҳит тақозо мекунад, ки ҳама вақт дар қабули меҳмонон омода бошем.

Баъди суҳбатҳои хосса дар хонаи директор моро ба хонаи муаллимон, ки мунтазири меҳмонон буданд, даъват намуданд. Бо чеҳраҳои шиносу гарм самимона ҳолпурсӣ кардем, бо Иди баҳору Наврӯз ҳамдигарро шодбошӣ гуфтем. Шахсан камина, ки тӯли 32 соли собиқаи кориам дар соҳаи матбуот ҳамеша бо ин мактабу мактабиён ҳамкорӣ дорам, аз дидору суҳбаташон шод гардидам. Аз комёбиву дастовардҳояшон, камбудиву муаммоҳояшон пурсон шудем, бо ҳамдигар табодули афкор намудем.

– Ин мактаб аз оғози ташкилёбиаш ҳамчун як маскани илму маърифати намунавӣ ном бурдааст, – изҳор дошт Аҳтам Сафаров. – Зеро ин дабистон аз мактаби овозадори рақами 38 (собиқ мактаби рақами 67) ҷудо шуда баромадааст. Омӯзгоронаш ҳам илмноку мардуми ин маҳал низ аслан хуфариёни маърифатпарваранд.

Аҳтам Сафаров дар хотима ҷамоаи устодон ва шогирдони дабистонро бо дастовардҳояшон табрик гуфта, дипломи таҳририяти «Овози тоҷик»-ро, ки дар пурсишнома ғолибиятро ба даст оварда буданд, зери кафкӯбии ҳозирин тантанавор супорид.




## ВАЗЪИ КИТОБХОНАИ МАКТАБ

Баъд директор моро ба китобхонаи мактаб роҳбаладӣ намуд. Чун ба китобхона ворид шудем, шоҳид гардидем, ки аз сабаби мавҷуд набудани хонаи васеву шинам дар китобхона он қадар шароити мусоид фароҳам нест. Аз сабаби танг будани китобхона барои китобхонҳои бисёр ҷойи нишаст намерасад. Дар ин бобат мутасаддиён чораандешӣ кунанд хуб мешуд.

Мо дар китобхона бастаи рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Ховар», маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» ва номгӯи бисёр китобҳое, ки дар ҷевонҳои китобхона ҷой дошт, дида хеле хурсанд шудем. Мувофиқи маълумоти китобдор 2300 нусха китоб дар ин ҷо мавҷуд. Аз он 100 нусхааш электронӣ, 1200 нусхааш ба хати лотинӣ, 700 нусхааш ба хати кирилӣ ва 300 нусхааш ба забонҳои дигар аст. Мутаассифона, дар гӯшаи адабиёти тоҷик миқдори хеле ками асарҳоро мушоҳида намудем ва директор иброз дошт, ки ба дастрасии китобҳои тоҷикӣ супориш додаанду ин камбудӣ рӯзҳои наздик ҳалли худро меёбад. Боиси таассуф аст, ки ин камбудӣ қариб дар ҳамаи макотиби тоҷикии ҷумҳурӣ мавҷуд.

## АЁНИЯТ ДАР СИНФХОНАИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

Ба хотири донистани сатҳи дониши шогирдони дабистон ба синфхонаи забон ва адабиёти тоҷик ворид шудем. Донишомӯзоне, ки ҳама саросар либоси миллии мактабӣ дар бар доштанд, баробар аз ҷо хеста, баъди салому алейк бо як овоз шеъри пурмазмуне дар ҳаққи забони модарӣ қироат намуданд, ки ҳамагон ба ваҷд омадем. Вақте пурсон шудем, ки дар васфи Ватан, Модар, Падар, Устод, Забон кӣ шеър мехонад, шогирдон ба навбат бо лафзи бурро шеърхонӣ намуданд. Ростӣ, аз шеърхониашон хеле табъамон болида шуд. Онҳо бе ҳеҷ дудилагиву ҳаяҷон ифоданок қироат мекарданд. Ба онҳо мувофиқи синнашон суолҳо ҳам додем ва ҷавобҳои қаноатбахш гирифтем. Синфхона хеле хуб ҷиҳозонида шудааст. Се тарафи девори синфхона аз маълумотҳои соҳаи забону адабиёт пуропур буд. Он чиз писанди мо гардид, ки ному насаб, соли таваллуду вафоти намояндагони бузурги адабиёти ҳар як аср алоҳида-алоҳида навишта дар девор насб шуда буд. Мо аз устоди шогирдон, мудири кабинет, омӯзгори тоифаи олӣ Маҳина Мусалламова пурсидем, ки ин ғоя ва ё худ андозаро аз куҷо гирифтааст, ӯ бо ифтихор гуфт:

– Ман ин ғоя ва андозаро аз устоди шодравонам, шоир Абдуллоҳи Раҳмон гирифтаам. Устод дид ва қобилияти хеле баланд дар боби ҷиҳозонидан ва ороиши дарсхона доштанд. Ин усул ба шогирдон хеле кӯмак намуда, донишашонро афзун мегардонад.

Ин муаллима хеле пешқадам ва ташабускор буда, аксари чорабиниҳои фарҳангӣ бо ғоя ва барномаҳои таҳиякардаи ӯ мегузарад. Ҳаракат мекунад, ки ҳар соати дарсиро бо усулҳои нави ноанъанавӣ гузарад ва меҳри донишомӯзонро нисбати фан бедор созад. Шогирдонаш низ натиҷаҳои назаррас доранд. Хонандаи синфи 9 Шарора Эшонқулова ва хонандаи синфи 11 Нозия Эшонқулова аз озмуни фанни забон ва адабиёти тоҷик дар ноҳия ҷойи сеюм ва донишомӯзи синфи 10 Рӯшона Нуралиева дар миқёси ноҳия ҷойи якум ва дар вилоят ҷойи дуюмро ишғол намуд. Ин аз он далолат медиҳад, ки дар мактаб ҷараёни сабақомӯзии шогирдон аз фанни забон ва адабиёти тоҷик хуб ба роҳ монда шудааст.

## САЛОҲИЯТИ ИМРӮЗАИ МАКТАБ

Дар мактаб дар айни ҳол ба 406 нафар донишомӯзон 41 нафар омӯзгорон таълиму тарбия медиҳанд. Аз онҳо 38 нафар маълумоти олӣ дошта, 5 нафарашон соҳиби тоифаи олӣ, 10 нафар тоифаи якум ва 11 нафар тоифаи дуюм мебошанд. Муаллимони забони хориҷӣ ва русӣ соҳиби сертификатҳои байналмиллӣ мебошанд: Абубакр Ғафуров, Мория Кибриева ва Бибиҳанифа Кибриева (С1), Соҳиба Тошбоева ва Лобар Бобошарифова (Б2).

Инчунин, Зуҳриддин Ҳамрозода низ аз фанни информатика соҳиби сертификати байналмиллӣ мебошад. Ҳоло шогирдон шавқу завқи беандоза нисбат ба ин фан доранд. Ҳар сол шогирдонаш дар ноҳияву вилоят ҷойҳои намоёнро ишғол карда меоянд. Шогирдаш – хонандаи синфи 9 «Б» Аҳлиддин Шомаҳмадов дар ноҳия ҷойи якумро ишғол кард, хонандаи синфи 10 «А» Комрон Саидқулов дар соҳаи ахбор ва технология соҳиби чанд сертификат буда, бо шавқу завқ таълим мегирад ва пайваста болои худ кор бурда, дастур месозад. Хонандаи синфи 7 «А» Мубориз Эшонқулов низ хонандаи пешқадам буда, бо донишу хулқи намунавиаш аз ҳамдарсонаш фарқ карда меистад. Қобилияти баланди компутерфаҳмӣ дорад. Дар замони ҷаҳонишавӣ ҳаётамонро бидуни компутер ва дастурҳои замонавӣ тасаввур кардан мушкил. Маҳз ана ҳамин ҷавононояндаи Ӯзбекистони Наванд.

Инчунин, омӯзгорони соҳибтаҷриба Маҳина Мусалламова, Мӯсо Мирзоев, Абдувосеъ Мирзоалиев, Раъно Ҳоҷиева, Бунафша Бобоева, Гулбаҳор Акрамова, Робия Бобокалонова, Муҳсина Ҳаққулова, Парвина Норова, Парвиз Иззатуллоев, Фирдавс Иззатуллоев, Муҳиддин Қурбонов, Наргис Холова, Сабоҳат Муҳиддинова, Дилором Меликова, Акмал Бобиевҳо бо усулҳои дарсдиҳии худ дар қалби шогирдон мустаҳкам ҷой гирифтаанд.

Мо ба хонаи маънавият ворид шудем. Шогирдони мактаб дар ҳамагуна чорабиниҳои маънавӣ-маърифатии миқёси мактабу ноҳия фаъол ширкат меварзанд. Алалхусус, дар соҳаи 5 ташаббус ва фаъолияти маҳфили «Дастони моҳир» натиҷаҳо назаррасанд. Хонандагони мактаб дар миқёси вилоят ҷойи авалро ишғол намудаанд. Дар соҳаи 5 ташаббус 9-то маҳфил дар дабистон амал мекунад.

Инчунин, маҳфили «Адабиётдӯстони ҷавон», ки дар он 20 нафар донишомӯз шомил аст, амал мекунад. Аъзоёни ин маҳфил дар чорабиниҳои фарҳангии мактаб ҳамеша бо барномаҳои пурмуҳтавои таҳиякардаи хеш ширкат варзида, ҷашнвораҳоро ҳусну тароват мебахшанд.

Намунаҳои эҷоди онҳо дар матбуоти миқёси вилоят мунтазам чоп мешаванд.

Дар мактаб, инчунин театри «Турон», дастаи фолклории «Заковат», радиои мактаб бо номи «Садои Навобод» ва маҳфили «Дар пайи ҷадидон» амал мекунад. Дар «Садои Навобод» ҳар сари вақт дастовардҳои мактабиён ва хабару эълонҳои рӯзмарра гуфта мешавад. Вақте ки ҷавонон аз дарс фориғ мешаванд, барои вақти худро беҳуда сарф накардан дар маҳфилҳо машғулот мегузаронанд.

## ДАСТОВАРДҲО ДАР СОҲАИ ВАРЗИШ

Вақте мо хостем, ки толори варзишӣ, ҷиҳозҳо ва ҷараёни машғулоти мактаббачагонро аз назар гузаронем, моро ба як синфхонаи нисбатан калонтар даровар-данд, ки дар фасли сармо варзишгарони ҷавон дар он ҷо машғулот мегузаронидаанд. Директори мактаб ва мураббии тарбияи ҷисмонӣ хиҷолатомез сӯи мо нигаристанд. Директор Диловар Иззатуллоев аз нигоҳи мо рамуз гирифта гуфт, ки ҳоло дар мактаб толори варзишии замонавӣ мавҷуд нест. Дар гармӣ бошад, мактаббачагон як навъ дар берун – майдони мактаб машғулот мегузаронанд. Мувофиқи гуфтаи директор аз рӯи ваъдаи мутасаддиён дар вақтҳои наздик бояд толори варзишии замонавӣ бунёд карда шавад.

Оре, дар ин бобат дар мактаб шароити мусоид фароҳам нест, вале бо вуҷуди ин мураббиёну мактаббачагони шавқманди соҳаи варзиш часпу талош намуда ба натиҷаҳои хеле назаррас ноил шудаанд, ки лоиқи таҳсин аст. Дар баъзе макотиб ҳарчанд шароити хуб барои машғулоти варзишӣ муҳайё шудааст, вале натиҷа дилхиракунандааст. Вақте вориди «толор» шудем варзишгарони ҷавон банди машғулот буданд. Нишону дипломҳое, ки рӯи чандин мизро пур мекард, далели пурсамар кор кардани мураббиёни мактаб: Нурмуҳаммад Мандонов ва Ҳасан Ҳайитқулов ва ба соҳаи варзиш шавқу рағбати беандоза доштани шогирдонашон дарак медод.

Дар мактаб аз рӯйи 5 намуди варзиш маҳфил амал мекунад: волейбол, футбол, шашка, шоҳмот ва куштии миллӣ. Фаъолони ин маҳфил дар миқёси ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ ҷойҳои намоёнро ишғол кардаанд. Аз ҷумла, дар миқёси ноҳия оид ба намуди волейбол дастаи волейболбозон бо роҳбарии Муҳриддин Ҳазратқулов ҷойи намоёнро ишғол намуданд, аз рӯи намуди шашка Муҳаммадалӣ Фазлиддинов ва Ойиша Нуралиева ҷойҳои дуюмро ишғол намуданд. Дар мусобиқаи «Кубоки ҳокими вилоят» (2024) аз рӯи намуди варзиши куштии миллӣ Аброр Саидаҳмадов (76 кг) сазовори ҷойи дуюм ва дар мусобиқаи Сариосиё (2025) Анис Шодимуродов (52 кг) ва Абдулло Неъматуллоев (55 кг) ҷойи якум, Хушбахт Иззатуллоев (+70 кг) ҷойи дуюм, Рамзиддин Ҷумъабоев (83 кг) ҷойи сеюмро фатҳ карданд. Аз рӯи намуди самбо дар миқёси вилоят Илҳом Ҷумъабоев (46 кг) ҷойи сеюм ва Озодбек Каримов (71 кг) бошад, ҷойи дуюмро ишғол карданд.

## НАЗАРЕ ОИД БА ТАЪРИХИ МАКТАБ

Мактаб соли 1968 ҳамчун филиали мактаби рақами 7-уми ба номи С. Айнӣ оғоз ба фаъолият намудааст. Он вақт дар мактаби рақами 7 директор Ҳикматулло Ғафуров буд. Соли 1972 мактаб аз таркиби мактаби рақами 7 баромада ба мактаби рақами 38-уми ҳозира ҳамчун филиал шомил мешавад. Маъдӣ Мелибоев, Абдумаҷид Ниёзов, Ҳайбулло Алуллоев, Саидакбар Раҷабов дар давоми солҳо дар мактаб сарварӣ кардаанд. Баъди мустақил шудан Карим Ҳайдаров, Ибодулло Файзуллоев, Хуррамқул Қурбонов дар вазифаи директорӣ фаъолият намудаанд. Директори кунунӣ Диловар Иззатуллоев аз соли 2016 инҷониб дар мактаб сарварӣ менамояд. Ӯ дар ҷамоа як муҳити аҳлу тифоқеро ташкил карда тавонистааст. Натиҷаи ин ҳамгароӣ дар ин давр бо роҳбарии ӯ бисёр дастовардҳои ба чашм намоён амалӣ гардид ва ҳоло пайи ободонии мактаб, бунёди толори варзишӣ, binoи нав, ки талаботи рӯзафзуни мактабиёнро қонеъ кунад, часпу талош дорад.

Ростӣ, аз дастовардҳои мактаб, ки гоҳ директор ҳарф мезаду гоҳ Маҳина Мусалламова ва Маъдӣ Ҳамидов ва гоҳ мураббии тарбияи ҷисмонӣ Нурмуҳаммад Мандонов қалбамон аз шодиву фараҳ лабрез шуд. Фақат таълим дар ду баст ҷараён дошта бошад ҳам, норасоии синфхонаҳо, китобхонаи васеву шинам, толори варзишӣ барои мактабиён муаммо ва мушкилот эҷод кардааст. Лозим мешавад, ки мутасаддиён сари ин масоил ҷиддӣ биандешанд.

Мо аз ин мактаб шод, қаноатманд баромада, бо онҳо хайру хуш намудем ва ҷониби мактабҳои рақами 82 ва 38-уми ноҳия, ки дар ҳамин қади роҳ ҷойгир асту онҳо низ дар пурсишнома ҷойҳои муносибро ишғол карда буданд, раҳсипор шудем.

Дар ин ду мактаб ҳам суҳбатҳои тӯлонӣ бо ҷамоаи омӯзгорон сурат гирифт. Дипломҳои «Овози тоҷик»-ро барояшон тантанавор супоридем. Тазаккур бояд дод, ки ин ду мактаб ҳам ба комёбиҳои бузург ноил шудаанд ва оиди фаъолияти мактабу мактабиён матолиби ҷолиб ҳам дар рӯзномаамон дарҷ гардидааст.

## МАҲФИЛИ «ДАСТОНИ МОҲИР»-И ҶАВОНОНИ МОҲИР

Чун ба хонае, ки маҳфили ҳунармандии «Дастони моҳир» амал мекунад, ворид шудем, ҳайратамон боз дучандон афзуд. Амин шудем, ки ин ихтироъчиёну ҳунармандони моҳир дар ҳақиқат ҳам бунёдгари Ӯзбекистони Нав ҳастанд. Ҳунармандони ҷавон аз одитарин ашё чизҳое сохтаанд, ки аз тамошояш чашмон медурахшад. Ашёҳои рӯзгор, воситаҳои техникӣ, либосу дигар воситаҳои ороиширо дар он ҷо мебинед. Намуди онҳо он қадар зиёданд, ки хонаро комилан пур кардаанд. Маълум буд, ки омӯзгорони таълими меҳнат ва ҳунаромӯзандагони маҳфили «Дастони моҳир» – Маъдӣ Ҳамидов ва Ирода Абдуҳакимова заҳмати зиёд кашидаанд ва ҷавонон низ вақти худро зоеъ нагузаронда ҳунар омӯхтаанд.

– Аз дасти аъзоёни маҳфили мо ҳама кор меояд, – гуфт зимни суҳбат раҳбари маҳфил М. Ҳамидов. – Ҷавонони мо ҳамнафаси замон буда, пайи ихтироъҳои нав ба нав кӯшиш мекунанд, ки аз ҳар чизи одӣ як ашёи ҷолиб офаранд. Офаридаҳои мактаббачагони мо дар ҷашнвораҳо низ ба маърази тамошо гузошта шуда, аз ҷониби доварон муносиб баҳо дода мешаванд.

Оре, кашфиётҳои бузург аз ҳамин гуна ихтироъҳои кӯчак оғоз меёбад.

## МАКТАБҲОИ ҒОЛИБИ ЯК МАҲАЛЛАИ НОҲИЯ

Қобили қайд аст, ки ҳар се мактаби ғолиби пурсишнома дар маҳаллаи «Себзор»-и ноҳия ҷойгир шудаанд. «Себзор» дар ноҳияи Сариосиё аз ҳама калонтарин маҳалла маҳсуб меёбад. Маҳз Сариҷӯ ном мавзеъ, ки дар романи «Дохунда»-и Садриддин Айнӣ ном гирифта шудааст, ба таъбири устод оғози Дараи Ниҳон мебошад. Дар маҳалла 7694 бошанда умр ба сар мебаранд. Ду боғчаи хусусӣ фаъолият мекунад, ки дар маҷмӯъ 150 нафар кӯдакон дар онҳо тарбият мегиранд. Инчунин, як китобхонаи хусусӣ, ки мудири он шоира Розияи Бадал мебошад, фаъолияти хуб дошта, мухлисонро бо китобҳои наву тозанашр таъмин месозад. Дар ду бари қад-қади роҳи калон мардуми ҳимматбаланд бо роҳи ҳашар роҳрав барои пиёдагардҳо сохтаанд. Қариб дар саросари маҳалла (ба ҷуз кӯҳистон) дар манзилу хонаҳо қубурҳои об гузаронида шуда, аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин гардидаанд. Маҳалла соҳиби гузари обод мебошад. Ягона масҷиди ҷомеъи маҳалла бо усули шарқона бунёд ёфтааст. Дар маҳалла субъектҳои тадбиркорӣ: нуқтаҳои савдо, хидмати маишӣ, кӯлҳои моҳипарварӣ, боғдорӣ, мурғпарварӣ хеле рушд кардааст. Алалхусус, гармхонаҳои бешумор дар чор фасли сол барои мардум маҳсулот расонида медиҳанд.

Беҳуда нагуфтаанд, ки «ҷамоа аҳл – кор саҳл». Бошандагони маҳалла ба ҳар кори хайр дастҷамъона, муташаккилона иқдом мекунанд. Аз ин ҷост, ки корҳои ободонӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Танҳо дар соли 2024 аз рӯи ду лоиҳа, ки ҳар яке 1 млрд. 360 миллион сӯмӣ буд, бошандагон дар опен-бужет ғолибиятро ба даст оварда, қариб 7 км. роҳро таъмиру тармим намуданд. Ба маблағи 200 миллион сӯм аз ҳисоби давлат идораи маҳалла бунёд ёфт. Ба ҳамаи ин корҳо марди серғайрату ташаббускор, раиси маҳалла Авазмурод Авазов сарубар мегардад. Ӯ ҳамеша аз ҳоли бошандагон, алалхусус, қишри камбизоати аҳолӣ, маъюбу ногиро хабар мегирад ва то аз дасташ меояд, кӯмак мерасонад.

– Шукр, ки дар маҳаллаи мо соҳибкорони саховатманд бисёранд. Яке аз онҳо Абдумуъмин Дӯстов мебошад, ки бо аҳли оила ва наздиконаш танӯркабоби болаззат мепазанд, ки овозаи он сартосари Ӯзбекистону берун аз он расидааст. Ӯ ҳар сол дар иду ҷашнҳо аз ҳоли бемору маъюбон хабар гирифта, ба маблағи зиёд кӯмаки моддӣ мерасонад ва дуои халқро мегирад.

Ана ҳамин аҳлу тифоқӣ буд, ки якбора се мактаби маҳалла дар пурсишномаи таҳририят ғолибиятро низ ба даст оварданд.

**Матолиби саҳифаро барои чоп хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё Олим ПАНҶИЗОДА омода намудааст.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 3695. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.00

**Нишонии мо:**
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.